# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзода «Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист» (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст

Аз 9 ноябри соли 2020 ш. Душанбе

Аъзои комиссияи ташхис диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзода «Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист» (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон)-ро муҳокима карда, таъкид намуданд, ки мавзӯъ дар илми рӯзноманигории тоҷик бори аввал ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии он саривақтӣ мебошад. Ин масъала имрӯз аҳамияти бештар пайдо кардааст. Зеро рушди техникаву технологияи касбӣ, рангоранг гардидани таъйиноти расонаҳои иттилоотӣ, вусъат ёфтани доманаи фаъолияти журналистӣ ва муносибати саҳлангоронаи баъзе аз рӯзноманигорон боис гардида, ки дар ВАО-и муосир иллатҳои мантиқӣ тадриҷан зиёд шаванд. Таҳқиқи ин мавзӯъ метавонад дар ислоҳи андешаву хулосабарориҳои ғайримантиқӣ, ғайрикасбӣ ва эҳсосию завқие, ки дар ВАО-и тоҷик ба мушоҳида мерасанд, мусоидат намояд.

Дар рисола ҷанбаҳои назариявии нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист бо таҳқиқи барномаҳои шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон», «Сафина», «Ҷаҳоннамо», «Варзиш», радиоҳои «Тоҷикистон», «Овози тоҷик», «Имрӯз», маводи рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва ғайра баррасӣ гардида, нуқсҳои мантиқии маводи матбуоти даврию барномаҳои телевизионӣ ошкор ва меъёрҳои дурусти корбасти қонунмандиҳои мантиқии эҷод нишон дода шудааст. **Навгонии илмии рисола** низ дар ҳамин ҷанба зоҳир мегардад.

Ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ муаллиф ба асарҳои бунёдии муҳаққиқони рус ва тоҷик А. А. Тертычный, А. А. Ивин, И. К. Усмонов, А. Саъдуллоев, М. Шакурӣ, Б. Камолиддинов, М. Муродӣ, А. Азимов, С. Гулов, М. Абдуллозода, Ш. Муллоев, Ҷ. Саъдуллоев, М. Муқимов, М. Н. Болтаев, Ф. Худойдодов, М. Ҳайдаров ва дигарон такя намуда, бо овардани иқтибос ба муҳокимаҳояш рӯҳи илмӣ бахшидааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ дар ду боб ва шаш фасл тасниф шуда, то андозае паҳлуҳои гуногуни мавзӯи пажӯҳишро фаро гирифтаанд. Дар боби аввал вижагиҳои мантиқии кор дар васоити ахбори омма, категорияҳои мантиқии муҳокима ва хулосабарорӣ дар фаъолияти журналистӣ ва амсоли

ин таҳқиқу таҳлил гардидааст. Дар боби дуюм категорияҳои мантиқ ва маърифати онҳо дар фаъолияти рӯзноманигорӣ бо нишон додани истифодаи бамаврид ва ноҷои онҳо баррасӣ шудааст. Дар маҷмӯъ, бобҳои диссертатсия ба ҳам алоқаманд буда, махсусиятҳои нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист, риояи қонунҳои мантиқ ва категорияҳои он дар маводи журналистӣ, хосса барномаҳои радиову телевизионҳои кишварро бозгӯ менамояд.

Диссертант ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ аз методҳои таҳлили муқоисавӣ ва контентӣ истифода ва ба принсипи хронологизм такя карда, ба ин васила сатҳу дараҷаи риояи меъёрҳои мантиқӣ ва омилҳои вайрон шудани онҳоро дар маводи матбуоти даврӣ, барномаҳои радио ва телевизион бо далелҳо нишон додааст.

Диссертатсия, ки дар такя ба сарчашмаҳои муътамади илмӣ ва амалӣ таҳия гардидааст, аз **арзиши назариявӣ ва амалӣ** хуб бархурдор мебошад. Он дар самти коркарди назариявии қонунмандиҳои мантиқи журналистӣ, меъёрҳои гуфтору навиштор ва мубодилаи афкор то андозае фазои илми журналистикаи тоҷикро пурра карда метавонад. Маводи онро ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ вобаста ба назарияву амалияи журналистика, таҳияи маводи таълимии дарсҳои амалии факултету шуъбаҳои журналистикаи мактабҳои олии ҷумҳурӣ истифода кардан мумкин аст. Маводи рисола, инчунин, барои рӯзноманигорони ВАО-и тоҷик аз аҳамият холӣ нест.

Муҳимият, навгонӣ, аҳамияти назарӣ ва амалии диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзодаро ба назар гирифта, комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад:

## ХУЛОСА

1. Диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзода «Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист» (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон), дар маҷмӯъ, кори илмии анҷомёфта буда, мундариҷаи он ба ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ, ки Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 ба ҳимоя иҷозат медиҳад, мувофиқат мекунад;
2. Мақолаҳои интишорнамудаи диссертант 5 адад буда, 3 адади он дар маҷаллаҳои илмии ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилгардида дохил мебошанд, ки, дар умум, мазмуни асосии рисоларо инъикос мекунанд. Ҳаҷми умумии корҳои интишоршуда зиёда аз 1, 4 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад;
3. Автореферат ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну мухтавои диссертатсияро ифода мекунад;

4. Диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзода барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-022 пешниҳод карда шавад;
5. Ба ҳайси муқарризони расмӣ муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунанд, тавсия карда мешаванд:

**Муминҷонов Зулфиддин,** доктори илмҳои филологӣ, декани факултети телевизион, режиссура ва кинои ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода;

**Салимзода Олимҷон,** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи телевизион ва радиои Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров пешниҳод карда шавад.

Раиси комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ М. Муродӣ

Аъзои комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ М. Абдуллозода

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ А. Азимов